**Такриз**

ба автореферати рисолаи номзадии Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва накши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).- Душанбе, 2023.-31 с.

Ҷомеаи маънавибунёди тоҷикон дар атрофи масъалаҳои печидаи оила ва оиладорӣ як қатор санаду дастурҳои ҳуқуқӣ - меъёриро ба тавсиб расонидааст, ки дар он нақши калидӣ доштани оиларо ҳамчун ниҳоди нахустини иҷтимоӣ дар пешрафту тараққиёти тамоми ҷодаҳои ҳаёт пураҳамият арзиш додааст. Маъмулан, ҷомеаи солим аз оилаи солим ташаккул ёфта, боло бурдани фарҳанги оиладорӣ, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, ба ҳаёти мустақилона омода намудани ҷавонон, баргузор намудани оила ва пойдории он аз умдатарин масъалаҳое ба шумор меоянд, ки пешорӯи давлати соҳибистиқлоламон қарор дорад. Дар авлавият қарор додани рушду тақвият бахшидан ба арзишҳои оиладорӣ дар рӯзгори имрӯз тақозои замон аст.

Дар ҳамин замина, баррасиҳо ва таҳқиқоти илмии Олимов Тағойбек Шодиевич таҳти унвони “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва накши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ) қобили тааммули хос буда, рисолаи ҷомеъ ва таҳқиқоти муффасалу густурда ва дар айни замон мушаххасу пажуҳишӣ бо забону баёни шевову фасеҳ аз арзиши баланди илмӣ бархӯрдор ва аз огоҳиву маълумоти саршори муаллиф дар ин самт гувоҳӣ медиҳад. Муаллиф пажуҳиши хешро дар муқаддима, ду боб бо фаслҳои ҷудогона, хулосаву тавсияҳои мантиқӣ ва феҳристи адабиёт фароҳам овардааст, ки фарогири масъалаҳои умда ва асосии мавзуи оила ва вазоифи оиладорӣ буда метавонад.

Дар ин пажуҳиш бори нахуст осори мутафаккирон Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ оид ба бунёди оила, ҷойгоҳи хонавода дар тарбияти фарзандон, таъсири муҳит дар побарҷоии оила мавриди таҳлили амиқ ва муфассал қарор гирифта, дар партави дидгоҳҳои педагогии соҳибназарони пешин таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст, ки сухани тоза дар илми педагогикаи тоҷик ба шумор меравад. Арзиши ин таҳқиқот боз дар он аст, ки муҳокима ва таҳлилҳои муаллиф дар асоси фармудаву раҳнамудҳои хирадмандонаи ин бузургон ҷиҳати баргузорӣ

ва устувор нигоҳ доштани оилаҳои ҷавони ҷомеаи муосир илман асоснок карда шудаанд.

Оила дар ҳимояти давлат қарор дошта, аз сӯйи ниҳодҳои ҳукуматӣ баҳри таҳкиму побарҷоии оилаҳо фаъолияти босамар ва фарогир роҳандозӣ шудааст. Ҷавобан ба ғамхориҳои пайвастаи давлат сарпарастони хонаводаро мебояд, ки дар парвариши фарзандон босалоҳият ва пурмасъулият бошанд, то ки бо ин васила насли корсозу зиндагифаҳмро ба миллат тақдим кунанд. Зеро ояндаро метавон имрӯз сохт ва аз пешиниён сабақ бояд омӯхт ва ба фардо насли солиму сиҳатмандро ба ёдгор гузошт. Ҳамин бардошти муҳим дар рисолаи мазкур бо кулли назокат ва ҷузъиёт мунъакис гардида, дар ин замина муаллиф аз "Қобуснома"- и Унсурулмаолии Кайковус ва "Кимиёи саодат"-и Муҳаммад Ғаззолӣ андешаву пандҳои таъсиргузорро ба иқтибос овардааст, ки ин иқдом ба ҳусну мӯҳтавои таҳқиқот афзалият эҳдо намудааст.

Муҳаққиқ дар фишурдаи рисола бо истифода аз усули муқоиса афзудааст, ки "Муҳаммад Ғаззолӣ масъалаи никоҳу оиладорӣ, шарту шароити бунёд ва пойдории оиларо нисбат ба Унсурулмаолии Кайковус ба маротиб амиқтар омӯхта, андешаҳои худро дар баробари овардани ҳикоёту гуфтори бузургону Пайғамбар (с) бо далелҳои шаръӣ ва дунявӣ низ асоснок намудааст", ки огоҳона корбаст ва баҳрабардорӣ намудан аз афкори судманди ин бузургон дар ташкили оилаҳои ҷавон дар даврони муосир ҳам аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Тазаккур бояд дод, ки мундариҷаи асосии рисола дар 5 мақолаи илмие, ки дар феҳристи маҷаллаҳои номнависшудаи КОА- и Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, ки ин таълифоти банашррасида мазмун ва мухтавои фишурдаи рисоларо дар худ таҷҷасум кардаанд.

Бартарияти рисолаи мавриди назар дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо мақсади назарпурсӣ аз муҳассилину омӯзгорон ва падару модарон дар минтақаҳои мухталиф озмоишҳои таҳқиқотӣ анҷом додааст, ки маҳсули он дар ҷадвалҳои алоҳида тариқи ташхис ва натиҷагирӣ баҳогузорӣ карда шудааст. Дар зимн хулоса ва пешниҳодҳои қобили мулоҳиза ва мантиқиро иброз доштааст, ки аз огоҳии комил доштани муҳаққиқ дар доираи ин мавзуъ дарак медиҳад. Тавсияҳои манзурнамудаи пажуҳишгар бунёдӣ буда, зарурати дар амал татбиқ намудани он дар самти оила ва маърифати оиладорӣ ба дастандаркорони соҳа ва ниҳодҳои дахлдор муҳиммияти хос касб мекунад.

Дар матни фишурдаи рисола нуқсону камбудиҳои на он қадар ҷиддӣ дида мешавад, ки аз дидгоҳи моислоҳи иштибоҳҳои ҷойдошта зарур аст.

Бо итминон метавон афзуд, ки рисолаи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)" кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи КОА- и Ҷумҳурии Тоҷикистон посухгӯст ва соҳиби он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

Доктори илмҳои педагогӣ,
Директори Коллеҷи омӯзгории
шаҳри Ҳисор Давлатзода Ҷамила
Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Ҳисор, кучаи К.Хуҷандӣ, 2
тел.: + 992907950635

Имзои Давлатзода Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор Ниёзова З.Л

***Маълумот барои тамос:***
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ҳисор
Тел.:моб. (+992) 907950635 E-mail: koh@koh.tj